## Тақризи

роҳбари илмӣ ба рисолаи диссертатсионии Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзӯи «Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғазолӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13. 00. 01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Замони муосир, ки аз давраҳои қаблии таърихи башар бо хусусияти ҷаҳонишавии фарҳангу маориф ва фазои иттилоотӣ тафовут дорад, зарурати ҷустуҷӯ, таҳқиқ ва дарёфти тарзу усулҳои наву такмилёфта ва самараноки таъсиррасонӣ ба шууру андешаи мардум, махсусан насли наврасро ногузир месозад. Дар ин самт оила ва низоми тарбияи оилавӣ низ истисно нест.

Аз ин рӯ, дар раванди тарбияи насли наврас бояд афкору андеша ва таълимоту консепсияҳои педагогие мавриди истифода қарор гиранд, ки пайванди маънавию ахлоқии наслҳоро гусаста насозанд, дорои моҳияти миллӣ ва дар баробари ин бо арзишҳои умумибашарӣ робитаи амиқи таърихӣ ва омезиши қавӣ дошта бошанд.

Муаллифи рисола Олимов Тағойбек Шодиевич аз моҳи сентябри соли 2015 то инҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи педагогика ва психологияи факултети таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кор мекунад. Дар баробари ин, ӯ ҳамчунин ба сифати унвонҷӯ корҳои илмӣ-тадқиқотии мавзӯи тасдиқгардидаро низ иҷро менамояд.

Дар тӯли фаъолияташ диссертант худро ҳамчун шахси бовиҷдону масъулиятшинос нишон дода, ба кор бо масъулияти том муносибат менамояд ва нисбат ба худ серталаб мебошад. Ӯ доимо малака, дониш ва таҷрибаи худро такмил медиҳад ва сатҳи илмию назариявии худро баланд мебардорад.

Корҳои илмии Олимов Тағойбек Шодиевич таҳти унвони – «Нақши зан-модар дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ», «Оила ва арзишҳои оиладорӣ», «Ташаккули арзишҳои оилавӣ: таҳлили омилҳои иҷтимоӣ»,

«Ҷойгоҳи арзишҳои оиладорӣ дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус», «Масъалаҳои тарбияи оилавӣ ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар ашъори Муҳаммад Ғазолӣ», «Омодагии иҷтимоию психологии ҷавонон ба ҳаёти оиладорӣ», «Интихоб ва дарёфти ҷуфти мувофиқ дар оила», «Омилҳои сар задани низоъ дар хонавода ва роҳҳои бартарафнамоии он», «Аввал ба худ бовар кун, пас издивоҷ» ва ғайраҳо интишор гардида, шаҳодат медиҳанд, ки ӯ ба масъалаҳое таваҷҷуҳ менамояд, ки дар замони муосир аз ҳама бештар барои халқи тоҷик актуалианд.

Ҳангоми таҳлили сарчашмаҳо, асарҳои бунёдӣ, таҳқиқотҳои муаллифони дигар бениҳоят нозукона рафтор намуда, кӯшиш менамояд, ки саҳми ҳар яки онҳо дар рушди илм хеле дақиқ қадр гардад.

Муносибати ҷиддӣ ба кор, ҷустуҷӯи доимии илмӣ ба ӯ имкон медиҳад, ки дар ҳалли масъалаҳои мураккаби консептуалӣ натиҷаҳои баланди илмӣ ба даст оварад.

Олимов Тағойбек Шодиевич ҳар як ғоя, ҳар як манбаъро бодиққат меомӯзад, ҳар як ақидаро таҳлил менамояд, фарзияи тадқиқотро пешгӯӣ намуда, сипас санҷиш мегузаронад ва танҳо баъд қарори ниҳоӣ қабул мекунад. Ин аст муносибати ӯ ба илм ва мустақилият дар ҳалли ҳар як масъалаи илмӣ.

Олимов Тағойбек Шодиевич - ҳамчун омӯзгор, мувофиқи талаботи муосир ва усулҳои нави таълим устодона, эҷодкорона кор карда, ба фарҳанги муоширати педагогӣ диққати калон медиҳад. Ҳамаи ин ба ӯ тавассути истифодаи метод ва усулҳои муассири инноватсионӣ дастрас мегардад.

Борҳо бо маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-таҷрибавии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, байнидонишгоҳӣ ва семинару мизҳои мудаввар иштирок намудааст.

Корҳои илмӣ, таълимӣ, таълимӣ-методии нашрнамудаи Олимов Тағойбек Шодиевич аз ҷаҳонбинии васеъ, аз кӯшиши муттаасил баландбардории маҳорати педагогию касбиаш шаҳодат медиҳад.

Чунин мешуморам, ки рисолаи диссертатсионии Олимов Тағойбек Шодиевич кори баанҷомрасидаи илмӣ буда, муаллиф онро мустақилона дар дараҷаи баланди илмӣ таҳия намудааст.

Муаллиф тавонистааст, ки худро донишманд, бовиҷдон ва корманди илмӣ-объективӣ нишон диҳад. Ӯ сифатҳои зарурии касбиро доро буда, ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ майли хосса дорад ва қобилияти мустақилона ба анҷом расонидани таҳқиқотҳои илмиро дорад.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13. 00. 01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ:

Доктори илмҳои педагогӣ,
Директори муассисаи давлатии
«Китобхонаи миллии Тоҷикистон» - и
Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзализода Ҷумахон Хол

04 майи соли 2021


**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон 5,
E-mail: f.jumakhon@mail.ru
Тел.(+992) 918506324


Имзои профессор Ҷ.Файзализодаро
тасдиқ менамоям: Сардори шуъбаи кадрҳои
МД «Китобхонаи миллии Тоҷикистон»-и
Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода М.

ШУЪБАИ КАДРҲО